**ДПДТТХ – 210 ДОНИШКАДАИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд**
**www.polytech.tj тел: 83422-6-04-54; +992-92-979-91-19**

| Кластери 1-Табиӣ - техникӣ | Дар кадом вазифа кор ва фаъолият бурда метавонад? | ройгон/пулакӣ маблағи тахсил |
|---|---|---|
| **1) 1380202-Дастгоҳҳо ва низомҳои биотехникӣ ва тиббӣ.** Хатмкунандаи ин ихтисос дар ташкилоту идораҳои соҳаи тиб, марказҳои табобатӣ дар вазифаҳои муҳандиси асбобсозӣ; муҳандис-протезист, ташкили корҳои истифодабарӣ ва таъмири дастгоҳҳои биотехникӣ ва тиббӣ, ҳисоб ва танзими речаҳои кори таҷҳизоти барқии биотехникӣ ва тиббӣ, инчунин менеҷери корхонаҳои хусусӣ оид ба васлу насби таҷҳизоти биотехникӣ ва тиббӣ, таъмир ва ташхиси асбобҳои барқии таҷҳизоти биотехникӣ ва тиббӣ фаъолият карда метавонад. | | **- /25<br>4200** |
| **2) 1430103-Таъмини барқ.** Хатмкунандаи ин ихтисос дар шабакаҳои барқи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва ҳароратӣ, зеристгоҳҳои барқӣ ва корхонаҳои саноатӣ дар вазифаҳои муҳандиси барқчӣ ё энергетик; муҳандис оид ба тармим ва санҷиш, ташкили корҳои истифодабарӣ ва таъмири дастгоҳҳои барқӣ, ҳисоб ва танзими речаҳои шабакаҳои барқӣ, нозири ҳадамоти барқ, инчунин менеҷери корхонаҳои хусусӣ оид ба васлу насби таҷҳизоти барқӣ, таъмир ва ташхиси асбобҳои барқии таъйиноти гуногун ва лоиҳакашии таъминоти барқи манзилгоҳҳои истиқоматӣ фаъолият карда метавонад. | | **10/89<br>5985** |
| **3) 1530107-Технологияи иттилоотӣ ва идоракунӣ дар системаҳои техникӣ.** Хатмкунанда дар корхонаҳои саноатии соҳаҳои гуногун дар вазифаҳои муҳандис оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва идоракунӣ, автоматикунонии системаҳои техникии идораи истеҳсолот, муҳандиси электроника, муҳандис-таҳқиқотчӣ, муҳандис оид ба механизатсия ва автоматизатсияи равандҳои истеҳсолӣ, тармим ва санҷиш, таъмири таҷҳизоти барқӣ, назорати ҳолати техникии дастгоҳҳои барқии иншооти энергетикӣ, инчунин менеҷери корхонаҳои хусусӣ оид ба идоракунии системаҳои техникӣ фаъолият бурда метавонад. | | **5/20<br>4200** |
| **4) 1530105-Ҳаракатдиҳандаҳои автоматии барқӣ.** Хатмкунанда дар корхонаҳои саноатии соҳаҳои гуногун дар вазифаҳои муҳандис оид ба автоматикунонии системаҳои идораи истеҳсолот, асбобҳои ченкунӣ-санҷишӣ ва автоматика (КИП и А), муҳандис-таҳқиқотчӣ, муҳандис оид ба механизатсия ва автоматизатсияи равандҳои истеҳсолӣ, тармим ва санҷиш, таъмири таҷҳизоти барқӣ, назорати ҳолати техникии дастгоҳҳои барқии иншооти энергетикӣ, инчунин менеҷери корхонаҳои хусусӣ оид ба васлу насби таҷҳизоти барқӣ фаъолият карда метавонад. | | **5/45<br>5040** |
| **5) 1400301-Зеҳни сунъӣ.** Хатмкунандаи ихтисоси зерин ҳамчун таҳлилгари додаҳо, барномасози равандҳои иқтисодӣ, барномасоз дар муҳити коркарди зеҳни сунъӣ, менеҷер-таҳлилгари захираҳои иттилоотӣ (бизнес-аналитик), идоракунандаи маълумоти зиёд, администратори базаи маълумот, мутахассис–таҳлилгари соҳаи бонк, телекоммуникатсия, ширкатҳои мобилӣ ва дигар соҳаҳое, ки манбаи маълумоти зиёд барои коркард доранд, фаъолият бурда метавонад. | | **- /25<br>4200** |
| **6) 1400101-Таъмини барномавии технологияҳои иттилоотӣ.** Ҳамчун барномасоз (программист), администратори шабака, веб-дизайнер, муҳандиси шабака, веб-барномасоз, администратори системавӣ, администратори ҳимояи маълумот, устои таъмири компютер дар низоми иттилоотии бонкӣ, ташкили таъмини бехатарии маълумот, ташкили веб-замимаҳо (сомонаҳо) ва танзимгари барномаҳои компютерӣ фаъолият карда метавонад. | | **10/90<br>5775** |
| **7) 1260301-Идораи захираҳои иттилоотӣ.** Хатмкунанда ба ҳайси менеҷери шуъбаи технологияҳои иттилоотии ташкилот, таъмингари ҳимояи иттилоот, барномасоз, менеҷер-таҳлилгари захираҳои иттилоотӣ (бизнес-аналитик), муҳандис-технологи соҳаи телекоммуникатсия, муҳандиси низомҳои иттилоотӣ, сардори шуъбаи рушди технологияҳои иттилоотӣ, танзимгари низомҳои иттилоотӣ фаъолият карда метавонад. | | **10/40<br>5250** |
| **8) 1450101-Низомҳои бисёрканотаи телеробитаҳо.** Ҳамчун муҳандиси шабака ва алоқаи мобилӣ, теле ва мултимедионӣ, алоқачӣ, муҳандис-таъминкунандаи алоқа (инженер связи), техник, мутахассиси соҳаи телекоммуникатсия, корманди почта, мутахассиси кори таҷҳизоти алоқа, корманди техникии телевизион ва радио, ширкатҳои мобилӣ фаъолият карда метавонад. | | **5/20<br>5250** |
| **9) 1370107-Хизматрасонии автомобилӣ.** Ихтисоси мазкур мутахассисонро дар самти таъмири пурраи автомобилҳо, ташкили истифодабарии техникии автомобилҳо, ташкилкунанда ва идоракунандаи автосервис, ҳамчун корманди литсензиякунонӣ ва сертификатсияи нақлиёти автомобилӣ корманди ҳадамоти назорат дар соҳаи нақлиёт, заводи автомобилсозӣ, муҳандис (инженер), сармуҳандис (главный инженер) ва менеҷер (роҳбар) дар корхонаҳои автосервисӣ, корманди муоинаи техникии давлатии автомобилӣ (тех.осмотр), корманди БДА, диагностикаи автомобилҳои муосир ва ба мактабҳои ронандагӣ (автодром) омода менамояд. | | **5/70<br>4515** |
| **10) 1440101-Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунӣ дар нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ.** Хатмкунанда ҳамчун корманди БДА, шуъбаҳои литсензия ва сертификатсия, ҳадамоти назорат дар соҳаи нақлиёт, корманди гумрук, корманди фурудгоҳ, ташкилкунанда ва роҳбарикунандаи муассисаҳои нақлиёти автомобилии боркашон ва мусофиркашонии дохилӣ ва байналхалқӣ, экспедитор, марказҳои логистикӣ, корманди соҳаи танзим ва баҳисобгирии нақлиёт фаъолият карда метавонад. | | **5/45<br>5250** |
| **11) 1690101-Меъморӣ.** Ба ҳайси меъмор (архитектор), дизайнер, сохтмончӣ, мутахассиси донишкадаҳои лоиҳавӣ-таҷрибавӣ, мутахассиси ташкилоти лоиҳакашӣ ва сохтмон, меъмор дар корхонаҳои сохтмонӣ, меъмори лоиҳаҳои маҳаллаҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, дизайнери мавзеъҳо, бино ва иншоот, таҷдидгари бино ва иншооти таърихӣ фаъолият карда метавонад. | | **- /75<br>5460** |
| **12) 1700101-Саноати маҳсулоти сохтмонӣ ва таркибӣ.** Ба ҳайси вазифаҳои идоравӣ – муовини директор оид ба истеҳсолот, устои калон-назоратчӣ, устои калони қитъа, сардори лабораторияи истеҳсолӣ оид ба назорати истеҳсолот, сардори шӯъбаи назорати сифат, сардори баст, сардори шӯъбаи кафшергарӣ, сардори шӯъбаи техникӣ, сардори сех, сардори сехи истеҳсолии таҷрибавӣ. Ба ҳайси вазифаҳои мутахассисӣ – муҳандис, муҳандис-конструктор, муҳандис-лаборант, муҳандис оиди сифат, муҳандис-технолог. Ба ҳайси вазифаҳои техникӣ – техник-конструктор, техник - лаборант, техник-технолог. | | **5/20<br>3885** |
| **13) 1700102-Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ.** Ҳамчун муҳандис – сохтмончӣ; истеҳсолкунандаи корҳои сохтмонӣ (прораб); муҳандиси калони ташкилоту идораҳои сохтмонӣ; сардори ташкилоту идораҳои сохтмонӣ; муҳандис – лоиҳакаши илмию таҳқиқотӣ ва конструктор дар ташкилотҳои лоиҳакашии шаҳру ноҳияҳо; ширкатҳои сохтмонӣ; шуъбаҳои меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳо; шуъбаи экпертизаи сохтмонӣ; муассисаҳои лоиҳакашӣ. | | **10/89<br>4725** |
| **14) 1500101-Технологияи ришта, матоъ, нассоҷӣ ва матои бе тору пуд.** Хатмкунанда ҳамчун технологи истеҳсолоти бофандагии оммавӣ ва инфиродӣ, дизайнери матоъ, роҳбари истеҳсолоти ресандагӣ ва бофандагии оммавӣ ва инфиродӣ; роҳбари гурӯҳҳо ва студияҳои дизайнерӣ, омӯзгори литсею коллеҷҳо фаъолият карда метавонад. | | **5/20<br>4200** |
| **15) 1500102-Таркиб ва технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ.** Ба ҳайси дизайнер-технолог ва тарроҳ – амсиласози | | **5/45** |

ДПДТТХ - 210

| | |
|---|---|
| истеҳсолоти дӯзандагии оммавӣ ва инфиродӣ, дизайнери либос, роҳбари истеҳсолоти дӯзандагии оммавӣ ва инфиродӣ, роҳбари гурӯҳҳо ва студияҳои дизайнерӣ, буранда ва хайёт (портной) дар коргоҳҳои мӯд фаъолият бурда метавонад. | **4200** |
| **16) 1740303-Саноати моҳипарварӣ.** Ҳамчун муҳандис-технологи соҳаи моҳипарварӣ, ихтиолог, ихтиолог-муҳандис фаъолият бурда, метавонад дар ташкилоти парвариши моҳӣ ва коркарди маҳсулоти моҳигӣ, захираҳои биологии обӣ, назорат ва коркарди равандҳои омодасозии маҳсулоти моҳигӣ, тақсимоти моҳӣ ҳамчу маҳсулоти хӯрока, нуктаҳои таъмин бо моҳӣ, назорати экосистемаи назди соҳили дарё ва анборҳои обӣ, парвариши моҳӣ дар анборҳои обии сунъӣ дар хоҷагии халқ кор карда тавонад. | **5/20 4200** |
| **17) 1740206-Истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти растанипарварӣ**. Ҳамчун агротехнолог, мутахассиси соҳаи кишоварзӣ дар ҳукумати вилоят, ноҳия, дар кумитаи замин, маслиҳатчии бонк барои қарзҳои кишоварзӣ, технолог дар корхонаҳои ордбарорӣ, консервабарорӣ, равғанбарорӣ, пахтатозакунӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ҷамъиятӣ, бонк, гумрук барои назорати маҳсулоти кишоварзӣ кор карда метавонад. | **5/70 4410** |
| **18) 1910101-Истеҳсоли маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ.** Ҳамчун муҳандис-технолог, таббоҳ, мудири истеҳсолот, нозири назорати сифат ва сертификатсия, роҳбари коргоҳ, мутахассиси соҳаи хӯроки омма, технологи хӯроки омма, молшинос, мудири тарабхона, корманди илмии истеҳсолот ва озмоишгоҳҳои назоратӣ-истеҳсолии хӯроки омма фаъолият бурда метавонад. | **5/20 4200** |
| **19) 1490101-Технологияи нигаҳдорӣ ва коркарди ашёи хоми ғизоӣ**. Ҳамчун технолог, муҳандиси стандарти давлатӣ дар самти таъмини назорати сифати ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, идоракунии равандҳои технологии истеҳсоли маводи хӯрока аз ашёи растанигӣ, истеҳсоли хӯроки истеъмоли омма, маҳсулоти консервонида, равған, орд, нон ва ғайра фаъолият бурда метавонад. Хатмкунандаи ихтисоси мазкур бештар дар корхонаҳои давлатӣ ва хусусии шаҳру ноҳияҳои кишвар, ба мисоли «Тоҷикстандарт», "Буона", корхонаи нонбарорӣ, "Оби зулол", "Зода", "Ширкати 33", коргоҳҳои истеҳсоли равған ва ғайра кор карда метавонад. | **5/45 4200** |
| **20) 1490102-Технологияи нигаҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти хоми ҳайвонӣ**. Ҳамчун технолог, муҳандиси стандарти давлатӣ дар самти таъмини назорати аввалаи сифат, маҳсулоти тайёри ширӣ ва гӯштӣ, идоракунии равандҳои технологии истеҳсоли маводи хӯрока аз шир ва гӯшт, хӯрокҳои истеъмолии омма, консерваҳои гӯштӣ ва ширӣ фаъолият бурда метавонад. Хатмкунандаи ихтисоси мазкур бештар дар корхонаҳои давлатӣ ва хусусии шаҳру ноҳияҳои кишвар, ба мисоли «ГОССТАНДАРТ», "Ширкати 33", "Дӯсти Алишер", "Коррект", "Файзи Расул", "Молочная радость", "Саодат", "Ҷавонӣ" ва ғайра кор карда метавонад. | **5/45 4200** |
| **21) 1080101-Таълими касбӣ (аз рӯи самтҳо)**. Ҳамчун омӯзгори фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ, муаллими таълими касбӣ, устои таълими касбӣ, педагог-муҳандис (аз рӯи самтҳо) ва корманди илмӣ дар муассисаҳои таълими касбӣ, донишкадаҳо ва донишгоҳҳо, инчунин дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ фаъолият карда метавонанд. | **5/20 4200** |

| **Кластери 2-Иқтисод ва география** | **Дар кадом вазифа кор ва фаъолият бурда метавонад?** | **ройгон/пулакӣ маблағи таҳсил** |
|---|---|---|
| **1) 1250104-Молия ва қарз.** Хатмкардаи ихтисоси мазкур дар шуъбаҳои молия, баҳисобгирӣ, таҳлил ва иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ва хизматрасонӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилоти молиявии қарзӣ, мақомоти молия ва андоз метавонад кору фаъолият намояд. | | **- /85 6930** |
| **2) 1250103-Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.** Хатмкунанда дар ширкатҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, асъорӣ-молиявӣ, иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ, экологӣ фаъолият бурда метавонад. Ҷиҳатҳои дигари ҷараёнҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ва қисмҳои ин ҷараёнҳо – ширкатҳои фаромилалӣ, сафоратхонаҳою намояндагиҳои онҳо, биржаҳо ва бонкҳо, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатие, ки фаъолияти иқтисодиёти ҷаҳониро дар системаи умумӣ таъмин менамояд, дар бар мегирад. | | **- /50 5775** |
| **3) 1250107-Иқтисодиёт ва идора дар корхона.** Хатмкунандаи ихтисоси мазкур асосан дар вазифаҳои иқтисодчӣ, менеҷер, маркетолог, иқтисодчии соҳаи савдо, мутахассиси сармоягузорӣ, агенти савдо ва ғайраҳо фаъолият менамояд. | | **10/65 5775** |
| **4) 1270101-Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (аз рӯи самтҳо)** Хатмкунандаи ихтисоси мазкур дар корхонаҳои хусусиву давлатии саноатӣ, ташкилоти молиявӣ, қарзӣ, маркетингӣ ва мақомоти давлатӣ дар вазифаҳои иқтисодчӣ-таҳлилгар, муҳандис-иқтисодчӣ, муҳандис-иқтисодчии шуъбаи истеҳсолӣ-техникӣ, муҳандис оид ба ташкил ва идоракунии истеҳсолот, нозири давлатӣ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, муҳандис-иқтисодчӣ дар соҳаи нақлиёт ва энергетика, мутахассис оид ба таъминоти моддӣ-техникӣ, мутахассис оид ба идоракунии лоиҳаҳо ва ғайраҳо фаъолият карда метавонад. | | **5/20 5775** |
| **5) 1250110-Тиҷорат.** Хатмкунанда ҳамчун аналитик, мерчендайзер, молшинос, иқтисодчии соҳаи савдо, агенти савдо, маркетолог, тиҷорат дар корхонаҳои соҳаи саноат ва хизматрасонӣ фаъолият бурда метавонад. | | **- /25 4200** |
| **6) 126020323-Логистика.** Хатмкунанда ҳамчун мутахассиси назорат ва идоракунии ҳаракати захираҳои мол, ташкили раванди оқилонаи таблиғи молҳо ва хидматҳо аз молрасон то истеъмолкунанда кор мекунад. Соҳаи фаъолияти логистик метавонад таъмини фаъолияти соҳаи муомилоти мол, хизматрасонӣ, маҳсулот, ташкил ва мустақиман фароҳам овардани инфрасохтори гардиши молро дар бар гирад. | | **- /25 4200** |
| **7) 140010202-Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт).** Баъди хатм ҳамчун барномасоз-иқтисодчӣ, менеҷери низомҳои иттилоотӣ, таҳлилгари рақамии иттилоот, веб-дизайнер, администратори базаи маълумот, эксперти қарзӣ, маркетолог, PR-менеҷер, веб-барномасоз, администратори системавӣ, муҳосиб, администратори ҳимояи маълумот, омӯзгори фанни технологияҳои информатсионӣ ва иқтисодиёт, бонк, ташкилоти таъмини бехатарии маълумот, ташкилоти созандаи веб-замимаҳо (сомонаҳо) ва танзимгари барномаҳои компютерӣ фаъолият мебарад. | | **10/90 5775** |

| **Кластери 5-Тиб, биология ва варзиш** | **Дар кадом вазифа кор ва фаъолият бурда метавонад?** | **ройгон/пулакӣ маблағи таҳсил** |
|---|---|---|
| **1) 157010101-Экологияи саноат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ.** Ҳамчун муҳандис-эколог дар тамоми корхонаҳои саноатӣ, шуъба ва ташкилотҳои ҳифзи муҳити атроф фаъолият мебарад. Ба доираи фаъолияти касбии онҳо мунтазам ҷамъ намудани маълумот, таҳлил ва мониторинги ҳолати муҳити атроф дохил мешавад. | | **- /25 4200** |

| **Шакли таҳсили фосилавӣ** | **кластер** | **нақша** | **маблағи таҳсил** |
|---|---|---|---|
| **1) 1440101-Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунӣ дар нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ** | **1** | **25** | **3675** |
| **2) 1430103-Таъмини барқ** | **1** | **25** | **4190** |
| **3) 1250107-Иқтисодиёт ва идора дар корхона** | **2** | **25** | **4043** |
| **4) 1250104-Молия ва қарз** | **2** | **30** | **4851** |
| **5) 140010202-Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)** | **2** | **30** | **4043** |